**ҚАРОРИ**

**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-037-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»**

**аз 4.06.2024** **ш. Хуҷанд**

Суханронии Курғанов Зохид Дехканович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII бо даврони муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00-Забоншиносӣ (10.02.20-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ), хулосаи кафедра (суратҷаласаи №3 аз 13.10.2023), хулосаи комиссияи экспертӣ, тақризи муассисаи пешбар – **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**, суханронии муқарризони расмӣ - доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – **Ҳомидов Дилмурод Раҷабович**, доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забонҳои Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саидмуъмин Раҳимов – **Шафоатов Азал Нусратович,** доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода – **Расулов Суҳайлӣ Миркозиевич**, муқарризони беруна – докторони илмҳои филологӣ Офаридаев Назрӣ, С.Ф. Низомова, А.А. Нозимов, С.Х. Хӯҷақулов ва Г.М. Адашуллоева, С.М. Муминов, муқарризони ғайрирасмӣ – докторони илмҳои филологӣ Шокиров Туғрал, Азимова Матлуба, Ваҳҳобов Толиб ва академик Салимӣ Носирҷонро шунида, баррасӣ карда, Шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Курғанов Зохид Дехканович

## ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Курғанов Зохид Дехканович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII бо даврони муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00-Забоншиносӣ (10.02.20-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 2023, № 295 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;
3. Ба Курғанов Зохид Дехканович дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ дода шавад;
4. Барои додани дипломи доктори илмҳои филологӣ ба Курғанов Зохид Дехканович аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори Шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 13 нафар (1 нафар ба тариқи онлайн). Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раисикунанда:
муовини раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Мирзоюнус М.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Шарипова М.З.
04.06.2024.